№1135/4.1. аз 04.02.2014

Ба мақомоти ҳудудии андоз
(мувофиқи рӯйхат)

Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2014 № 04-7 оиди ба хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандони ба хизмати давлатӣ қабулшаванда мусоидат намудан ҷиҳати қабули эъломия оид ба андоз аз даромад аз тарафи мақомоти андози маҳалли зисташон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Тибқи талаботи моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005 № 289 хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки ҳар сол на дертар аз 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ ва шаҳрванд ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ба мақомоти андози маҳалли зист эъломия оид ба андоз аз даромад ва ба мақоми давлатии ҷойи кор эъломия оид ба вазъи молу мулк пешниҳод намоянд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбаршуда муайян намудаанд, ки пешниҳод накардани эъломияҳо ё дар онҳо нишон додани маълумотҳои нодуруст барои аз хизмати давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ ва ба хизмати давлатӣ қабул нагардидани шаҳрванд асос шуда метавонанд.

Инчунин, тибқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати пешниҳоди (қабули) эъломия оид ба андоз аз даромад **то 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ** муқаррар карда шуда, дар банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005 № 289 бошад мӯҳлати пешниҳоди эъломияи мазкур барои шаҳрвандон **ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ** пешбинӣ шудааст.

Аз ин хотир, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати қабули эъломия оид ба андоз аз даромад:

- аз хизматчиёни давлатӣ дар мӯҳлати муайяншуда **то 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ**;
- аз шаҳрвандон ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ **дар давоми соли тақвимӣ** мусоидат намоянд.

Раис Н.Давлатов